**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Забирова Мехринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Дар адабиётшиносии тоҷик поэтикаи ашъори шоирон, алалхусус тасвири образҳои шеърӣ, чунонки шоиста аст, мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Воқеан, "тасвир, хаёл, сурат ё худ имож аз унсурҳои асосии шеър буда, маҳз бо кашфи тасвирҳои шоирона донишу ҳунари суханвар ва дарки зебошиносию ҷаҳонбинии ӯ таъйин мегардад". Мавзуи рисолаи Забирова М.Э. «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV», аз ҷумлаи мавзуъҳои камомӯхташуда дар адабиёти тоҷик буда,ба таҳқиқи густардаи яке аз образҳои шеърии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ "боди сабо" ихтисос дорад. Аз он сабаб ки тасвири боди сабо дар адабиёти форсӣ таърихи тӯлонӣ дорад, предмети таҳқиқ ғазали асри XIV интихоб шудааст. Интихоби ғазали асри XIV низ бесабаб нест, зеро ин аср даврони равнақи ғазалсароӣ буда, бузургтарин шоирони ғазалсарои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ дар ҳамин давра зиндагию эҷод кардаанд.

Унвонҷӯ нахуст нақши тасвирро дар шеър баррасӣ намуда, ба хулосаи дақиқ меояд, ки "кашфи тасвирҳои шоирона имкон фароҳам меоварад, завқу салиқаи зебошинохтӣ, ҷаҳонбинӣ ва дар маҷмуъ ҳунари шоирии суханвар ба дурустӣ шинохта шавад". Муаллиф бо истифода аз фарҳангу луғатҳо ва асарҳои тадқиқотии гузаштаву муосир маънои луғавӣ ва рамзии ирфонии боди сaборо муайян менамояд. Баъд аз равшан кардани маънои луғавию рамзии "боди сабо" сайри таърихии ташаккул ва такомули тасвири мазкурро дар шеъри шоирони то асри XIV таҳқиқ намуда, вазифа ва нақши онро таъйин месозад. Ин амал имкон дода, ки суннатҳои адабӣ ва навоварию навпардозиҳои шоирони асри XIV дар тасвири боди сабо ба дурустӣ муайян гардад.

Нақшаи рисола чунон тарҳрезӣ шуда, ки ҳеҷ як масъалаи марбут ба мавзуъ берун намондааст. Дар боби аввал диссертант боди сaборо ба ҳайси маърифат ва тасвири бадеӣ аз ибтидои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ то асри XIV таҳқиқ намуда, муҳимтарин хусусиятҳои онро мушаххас менамояд.

Қисмати асосии рисоларо бобҳои дувуми севум ташкил мекунанд. Танҳо ҳамин бобҳо кофист, ки ба унвонҷӯ унвони илмии номзади илми филология дода шавад. Дар ин ҷо ҳама чиз тозаву нав аст,зеро унвонҷӯ тасвири боди сaборо аз дидгоҳи ҳунар, дар ғазал бузургтарин шоирони

ғазалсарои адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, монанди Хоҷуи Кирмонӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Салмони Соваҷӣ, Камоли Хуҷандӣ, Носири Бухороӣ,Убайди Зоконӣ, Ибни Ямини Фарюмадӣ, Авҳадии Мароғаӣ ва дигарон таҳқиқ намуда, хулосаҳои дурустӣ илмӣ баровардааст. Аз таҳқиқи муаллиф бармеояд, ки ба таври куллӣ дар ғазали асри XIV ду тарзи тасвири боди сабо мушоҳида мешавад: Дар қисмати аввал **сабо** ба сифати мабдаи тасвир ва дар қисмати дувум **сабо** ба ҳайси воситаи тасвир ба кор рафтааст. Яъне, дар қисмати аввал сухан бевосита дар бораи боди сабо, мушаххасот ва амалиёти он меравад, аммо дар қисмати дувум маънию мавзуоти дигар бо воситаи сабо баён шудаанд. Забирова М.Э. ҳар ду қисматро ба мавзую мативҳои зиёде тақсим намуда, ки ҳар яки онҳоро ҷудогона баррасӣ менамояд.

Бояд гуфт, ки андешаҳои муаллиф ҳангоми таҳлили абёти шоирон ва муқоисаи ҳунари шоирии суханварон дар тасвири боди сабо, таъйини маъно ва нақшу вазифаҳои сабои орифона ва монанди инҳо ҷолиби таваҷҷуҳ буда, аз огоҳии комили унвонҷӯ аз мавзуъ хабар медиҳад.

Муҳтавои автореферат ва мақолаҳои интишорнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Қисмати хулоса муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллифро дар бар гирифта, натиҷаи ҷустуҷӯҳои доманадори ӯ аз омӯзиши мавзуъ дар 18 нукта тазаккур ёфтаанд.

Аз мутолиаи диссертатсия ва автореферати он ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки муаллифи он дар ин кор ранҷи зиёд кашидаву адабиёти зарурӣ ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасӣ намудааст. Бояд қайд кард, ки забони диссертатсия басо салису равон буда, талаботи услуби илмӣ дар он риоя шуда, ҷавобгӯйи меъёрҳои забони адабии тоҷикӣ мебошад.

Табиист, ки дар кори илмӣ- таҳқиқӣ дар баробари дастовардҳои сершумор, баъзе норасоиҳои ҷузъиро низ мушоҳида намудан мумкин аст,ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар автореферати диссертатсия такрори байтҳои шоирон ба мушоҳида мерасанд, ки хуб мебуд, бо ишорае иктифо карда шавад.
2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ҷо-ҷо иштибоҳоти техникиву имлоӣ ба чашм мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори диссертант аст.

Бояд қайд намуд, ки камбудиҳои зикршуда асосан ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар

гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмиву амалии кори таҳқиқии Забирова Меҳринисо Элбеговна ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Фишурдаи диссертатсияи Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» як кори илмии хатмшуда буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Номзади илми филология,мудири**
**кафедраи журналистикаи телевизион**
**ва радиошунавоии МДТ "ДДФСТ ба**
**номи Мирзо Турсунзода"** **Мирзода З. Қ.**

**Имзои Мирзода З. Қ.-ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси МДТ "ДДФСТ ба номи**
**Мирзо Турсунзода"** **Ҳамидова З.Ҳ.**

**Суроға: 734025. ш.Душанбе, хиёбони Борбад,73 а**
**Тел: 2311827**

«31» марти соли 2023